**ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-014 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ АЗ РӮЙИ ИХТИСОС**

**Парвандаи аттестатсионии №_______________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 21.11.2025, №71**

Барои сазовор донистани Аъзамова Тахмина Туйчиевна, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.

Диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи «Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз санаи 12 сентябри соли 2025, дар асоси хулосаи мусбати комиссияи экспертӣ барои ҳимоя қабул карда шуд, суратмаҷлиси №71 Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2024, таҳти №402/шд таъсис дода шудааст.

Аъзамова Тахмина Туйчиевна, 13 июли соли 1995 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар рафти иҷрои диссертатсия Аъзамова Тахмина Туйчиевна унвонҷӯи кафедраи молия ва кори бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Соли 2018 Донишкадаи молия ва иқтисодии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси “Баҳисобгирии муҳосибӣ таҳлил ва аудит дар муассисаҳои буҷетӣ ва илмӣ” хатм намуда, соли 2020 шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогиро зинаи магистратура аз рӯйи ихтисоси “Молия ва қарз дар ФИБ” хатм намудааст.

Аъзамова Тахмина Туйчиевна 18.11.2020 № 113/И унвонҷӯи кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон гардида, онро бо фармоиши №89/И аз 04.12.2023 сол хатм намудааст.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳти суратҷаласаи №7/5.6 аз 29-уми январи соли 2021 баррасӣ ва тасдиқ гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Шариф Раҳимзода -** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, , профессори кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Султонов Зубайдулло Султонович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи молия ва қарзӣ Донишгоҳи Славянии Руссия ва Тоҷикистон;

- **Сайфуров Кароматулллo Файзуллоевич –** номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в., дотсенти кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар тақризи худ, ки аз ҷониби н.и.и., дотсент, мудири кафедраи фаъолияти бонкӣ Ҳалимов Л.М. таҳия гардида, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи фаъолияти бонкӣ баррасӣ ва муҳокима карда шудааст (суратҷаласаи №10, аз 28.05.2025) ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х. санаи 29.05.2025 сол тасдиқ шудааст, хулосаи мусбат додааст.

Дар тақриз хулоса чунин бароварда шудааст, ки диссертатсияи Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи «Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир» таҳқиқоти нав буда, дорои навгониҳои илмии аҳамияти назариявӣ ва амалидошта дар шароити имрӯза мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан камтаҳқиқшуда, зарур, мубрам ва баҳсталаби доираи илмҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рисолаҳои номзадӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо “Низомномаи шурои диссертатсионӣ” ва “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Аъзамова Тахмина Туйчиевна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.

Автореферат ва корҳои илмии нашршудаи довталаби дараҷаи илмӣ пурра мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 15 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. Аъзамова, Т.Т. Аҳамияти иҷтимоию иқтисодии хизматрасониҳои бонкӣ [Матн] / Т.Т. Аъзамова // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. - №1. - С.303-310. ISNN2663-0389

[2-М]. Аъзамова, Т.Т. Механизмҳои такмили ҳисоббаробаркуниҳо дар бозори хизматраониҳои бонкӣ [Матн] / Шариф Раҳимзода, Т.Т. Аъзамова // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. - № 2 . - С. 24-34. ISNN2663-0389

[3-М]. Аъзамова, Т.Т. Асосҳои ташаккули равандҳои инноватсионӣ дар самти хизматрасониҳои бонкӣ вобаста ба талаботи бозор [Матн] / Т.Т. Аъзамова // Паёми молия ва иқтисод. - 2023. - №4/2 (39). - С.515-528. ISSN 2663-0389.

[4-М]. Аъзамова, Т.Т. Назария ва хусусиятҳои хизматрасониҳои бонкӣ дар низоми иқтисодӣ [Матн] / Т.Т. Аъзамова // Паёми молия ва иқтисод. - 2023. - №4/1 (38). - С.311-319. ISSN 2663-0389. 35

[5-М]. Аъзамова, Т.Т. Основы формирования инновационных процессов по направлению банковских услуг в зависимости от требований рынка [Текст] / Т.Т. Аъзамова // Вестник Таджикского национального университета. – 2024. - №6.Қисми 1 - С. 194-201. ISSN 2413-5151.

[6-М]. Аъзамова, Т.Т. Механизмҳои такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ [Матн] / Т.Т. Аъзамова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. - №10. - Қисми 1. - С. 208-215. ISSN 2413-5151.

**Дар дигар нашрияҳо:**

[7-М]. Аъзамова, Т.Т. Масъалаҳои назариявӣ ва актуалии бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир [Матн] / Т.Т. Аъзамова // Маводи конференсияи илмӣ - амалии байналмилалӣ дар мавзуи “Тоҷикистон дар низоми муосири молиявӣ – қарзии байналмилалӣ”, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Саҳ186-172

[8-М]. Аъзамова, Т.Т. Масъалаҳои асосии рақобатпазирии низоми бонкӣ дар давраи ҷаҳонишавӣ [Матн] / Т.Т. Аъзамова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи «Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ – қарзии байналхалқӣ», 26.11.2021. – 2022. - С.552-559

[9-М]. Аъзамова, Т.Т. Таъсири хизматрасониҳои муосири бонкӣ ба сатҳи бехатарии бонкҳо [Матн] / Т.Т. Аъзамова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – амалӣ дар мавзуи “Механизмҳои таъмини устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ дар шароити саноатикунонӣ ва иқтисодиёти инноватсионӣ”, ДДМИТ. - 2023 Саҳ368-372

[10-М]. Аъзамова, Т.Т. Сарчашмаҳои ҷалби сармояи иловагии бонкӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт [Матн] / Т.Т. Аъзамова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ- амалӣ дар мавзуи “Рушди низоми бонкӣ ва

рақамикунонии бахши молиявӣ», ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, 18-19 декабри соли 2023. – С.86-91.

[11-М]. Аъзамова, Т.Т. Ҷанбаҳои назариявии хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити муосир [Матн] / Т.Т. Аъзамова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Афзалиятҳои рушди бахши молиявӣ дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ" бахшида ба рӯзи кормандони мақомоти молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДДМИТ, 07.12.2023. – С.174-179

[12-М]. Аъзамова, Т.Т. Масъалаҳои актуалии хизматрасониҳои муосири бонкӣ [Матн] / Т.Т. Аъзамова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ», ДДМИТ, 1 апрели соли 2024. – С248-254

[13-М]. Аъзамова, Т.Т. Ташаккули заминаҳои густариши хизматрасониҳои бонкӣ тавассути воситаҳои ҳозиразамони виртуалӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Рушди низоми бонкии ҶТ дар шароити муосир: муаммоҳои рушд ва роҳҳои ҳалли онҳо", 11.03.2023. –С157-162

[14-М]. Аъзамова, Т.Т. Рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити имрӯза // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ- амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити гузариш ба низоми нави рақамикунонии иқтисодиёт", ДДД, 18-19 апрели соли 2024. – С189-194

[15-М]. Аъзамова, Т.Т. Таҳлили бозори хизматрасонии қарзӣ дар шароити муосир [Матн] / Т.Т. Аъзамова // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҳайати профессорон, устодон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бахшида ба солҳои 2022-2026 "Солҳои рушди саноат". - С.271-277.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Комилов Низомиддин Бегаҳмадович – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ** бо чунин эрод:

1. Унвонҷӯ ба таври омафаҳм масъалаи татбиқшавии технологияҳои рақамиро ба таври фарогир дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар ба таври равшану возеҳ пешниҳод накардааст.

**2. Нусратзода Муҳаммади Нусрат - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** бо чунин эрод:

1. Дар рисолаи илмӣ ва автореферати худ муаммоҳои низоми инноватсионии хизматрасониҳои бонкиро инъикос менамуд, сифати таҳқиқоти илмӣ бурд менамуд.

**3. Сафозода Абдумаҷид – доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори МД «Донишкадаи байналмилалии Данғара»-и МД Донишгоҳи байналмилалии сайёҳи ва соҳибкории Тоҷикистон** бо чунин эродҳо:

1. Агар оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии низоми иннооватсионии хизматрасониҳои бонкӣ таҳлилу пешниҳод мегардиданд сифатан таҳқиқот бурд менамуд;
2. Муаллиф беҳтар мегардид агар намунаи нави хизматрасониҳои инноватсиониро ба сифати намунаи татбиқнамоӣ дар низоми бонкӣ пешниҳод менамуд, кор ранги дигар мегирифт.

**4. Ашуров Ихтиёр Саидович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** бо чунин эрод:

Дар сатҳи низоми хизматрасониҳои инноватсионӣ ҳолати рақобатпазирии бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар истифодаи воситаҳои электронии

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Интихоби муқарризони расмӣ** бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

**Интихоби муассисаи пешбар** бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- ***консепсияи*** илман асосноки муаллифӣ дар масъалаи рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир такия намуда як қатор имкониятҳои навро пешниҳод намудааст. Муаллиф бар он ақида аст, ки вобаста ба шароити имрӯза рушди шаклҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ ва тақвияти пайвастаи технологияҳои рақамӣ ба аҳоли Тоҷикистон имконият медиҳад, ки онҳо ба тавоми хизматрасониҳои гуногунӣ бонкӣ ба таври маҷозӣ дастрасӣ дошта як қатор имконияту шароитҳои навро дар сатҳи дутарафа ба миён оваранд .

- ***исбот шудааст, ки*** дар дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ роҳи яконаи таъмини суботи низоми бонкӣ ва дар заминаи ин қонеъ гардонидани талаботи рӯзафзуни аҳолӣ танҳо дар заминаи низоми хизматрасониҳои инноватсионӣ ва технологияҳои ҳозиразмони электронию пардохтӣ мебошад. Ҳамчун пешниҳод шудааст, ки дар сурати фароҳам овардани инфрасохтори зарурии пардохтӣ эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ дучанд меафзояд.

- ***муайян шудааст, ки*** аксар бонкҳои низомсоз муваффқиятҳои худро дар доираи низомҳои нави хизматрасониҳои инноватсионии бонкӣ ва пешниҳоди имкониятҳои нав ва дастраси хизматрасониҳои электронию вертуалӣ ба даст овардаанд. Ҳамчунин маян шудааст, ки доштани амнияти электронӣ, технологияҳои пешрафтаи дорои зеҳни сунъӣ ба бонкҳо имконият медиҳад, ки бонкдории рақамӣ ва электрониро ба миён оваранд.

- ***муаммоҳои*** дар пешниҳод ва истифодаи хизматрасониҳои фосилавии бонкӣ ҷойдошта ошкор шуда, ҳамчун илова аз тарафи муаллиф як ққатор бартарӣ ва мушкилотҳои марбут ба бозори анъанавии бонкӣ ва бозори хизматрасониҳои муосири бонкӣ ошкорр ва ро ҳаллӣ онҳо пешниҳод гардидаанд.

- **арзёбӣ шудааст:** таҳкими сифати хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси рушди фаъолияти инноватсионӣ – рақамӣ, ба таври васеъ истифода намудани технологияи муосир, хизматрасониҳои фосилавӣ, PC-банкинг, интернет банкинг ва мобайл-бонкинг.

- ***тавсияҳои илман асоснок таҳия ва пешниҳод шудаанд:*** а) заминаҳои бавуҷудоии шаклҳои нави хизматрасониҳои бонкӣ вобаста ба тағйиротҳо ва талаботҳои замони муосир ошкор гардидаанд, б) масъалаи ташкили хизматрасониҳои муосири фарогири бонкӣ боназардошти талаботи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ пешниҳод шудааст; в) хусусиятҳои хоси бозори хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ ва муосири бонкӣ дар сатҳи зарурӣ коркард ва пешниҳод гардидаанд; г) вобаста ба талаботҳои ҷойдошта имкониятҳои тақвияти хизматрасониҳои электронии нисбатан такмилёфта пешниҳод шудааст.

- ***омилҳои калидии*** таъсиррасон ба тамоюлҳои низоми инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити имрӯза ошкор гардидаанд: 1) ҷанбаҳои назариявӣ ва методии низоми инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ ба монанӣ: омӯзиши асосҳо, нуктаи назари муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин таҷрибаи хориҷӣ барои расидан ба ҳадафҳои дар ин самт гузошташуда таҳқиқ шудаанд; 2) афзорҳои муҳим ва заруӣ, ки барои татбиқи низоми хизматрасониҳои инноватсионӣ мусоидат менамоянд мушаххас гардида дар он, ҷараёнҳои ҳавасмандгардонии истифодабарандагони хизматрасониҳои бонкӣ муаян ва пешниҳод гардидаанд. Татбиқи унсурҳои зикргардида дар оянда як

қатор мумаммоҳои низоми бонкиро ҳал ва рушди хизматрасониҳоро афзоиш медиҳад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:**

- ***муқаррароти*** асосии кор бо муҳтавои натиҷаҳои илмии бадастоварда ва ва алоқамандии он бо маълумотҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон, Паёмҳо ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи бонкӣ, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хулосабандии мутахассисони соҳа, маводҳои илмии олимони дохилӣ ва хориҷӣ, назариявӣ ва амалӣ доир ба низоми инноватсионии хизматрасониҳои муосири бонкӣ ба таври васеъ истифода шудаанд.

- ***исбот шудааст,*** ки сарфи назар аз мушкилотҳои ҷойдошта дар самти тақвияти пайвастаи хизматрасониҳои бонкӣ, тақвияти шаклҳои соддакардашудаи хизматрасониҳои муосири бонкӣ дар сатҳи минтақаҳо роҳи ягонаи баромадан ба имкониятҳои ба рушд нигоронидашуда соҳаи хизматрасониҳои бонкӣ мебошад.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок (бо дарёфти натиҷаҳои навгонии илмидошта):**

- ***ғояи*** назарияи низоми инноватсионии хизматрасониҳои муосири бонкӣ дар заминаи технологияҳои электронии парддохтӣ, истифодаи васеъи зеҳни сунъӣ ва дастгоҳҳои ҳушманд, дастрасии содда ба хизматрасониҳои муосири бонкӣ, аз байн бурдани маҳдудиятҳо ва имкониятҳои хизматрасониҳои маҷозӣ ошкору пешниҳод гардидааст.

- ***исбот шудааст, ки*** низоми инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ яке аз афзорҳои асосии расидани бонку ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ба ҳадафҳои гузошташудаи худ мебошад. Дар шароити боло гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дар баробари ин зиёд гардидани талабот ба амалиёту хизматрасониҳои бонкӣ, роҳи ягонаи амал кардан дар чунин шароит албатта такия намудан ба хизматрасониҳои электронӣ ва пардохтӣ тавассути техника ва технологияи муосир мебошад.

- ***омӯхта шудаанд:*** 1) ҷанбаҳои назариявӣ ва методии шаклҳои муосири хизматрасониҳои бонкӣ бо бартариятҳои ҷузъӣ ва сохторӣ омухта шудаанд; 2) барои такя намудан ба тамоюлҳои босамари низоми инноватсионии хизматрасониҳои бонкӣ бозори анъанавии бонкӣ ва бозори муосири хизматрасониҳои бонкӣ ошкор карда шуд; 3) имконияти дар оянда тақвият додани хизматрасониҳои муосири пешрафта вобаста ба зарурият ошкору пешниҳод карда шуд.

- ***методикаи*** таҳлилу арзёбии хизматрасониҳои муосири электронии бонкӣ ва роҳҳои дар амаль ҷорӣ намудани онҳо бо назардошти имконият ва

талаботи мизоҷон, ҳамчуни ба таври фарогир ҳал намудани мушкилотҳои ҷойдошта дар самти хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳод гардидаанд.

- ***механизми*** дигаргунсозӣ ва тақвияти шаклҳои қаблан вуҷуддоштаи хизматрасониҳои бонкӣ ва ҳамзамон ҷорӣ намудани шаклҳои муосир ва пешрафтаи хизматрасониҳои бонкӣ, ба даст овардани эътимоди истифодабарандаи хизматрасониҳои бонкӣ барои пешниҳоди шаклҳои нави он ***коркард гардида***, роҳҳи расидан ба он дар шароити рушди технологияҳои рақамӣ ва рақамикунонии иқтисодиёту ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон ***тавсия гардидаанд***.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- ***тавсияҳои методӣ ва амалии*** таҳиякардаи муаллиф дар раванди тадриси фанҳои «Фаъолияти бонкӣ», «инноватсия дар бонкҳо», «Идоракунии хавфҳои бонкӣ», «Навовариҳои электронӣ дар бонк», «Муомилоти пулӣ ва қарз» ва дигар маводи илмӣ-амалӣ дар кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

- ***моделҳои*** иқтисодӣ-риёзӣ оид ба рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир дар шакли СВОТ таҳлил***;*** ҷоринамоии шаклҳои нав ва пешрафтаи хизматрасониҳои бонкӣ ба таври мушаххас пешниҳод ва ***таҳқиқ шудаанд.***

**-** ***стратегияи*** рушди рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир ҳамчун омили асосии рушди хизматрасониҳои бонкӣ, ки миёни аҳолӣ, субъектони иқтисодӣ, ташкилоту корхонаҳо ва давлат роҳандозӣ мегардад, илман ва малан асоснок гардидаанд. Ғайр аз ин дар асоси нишондиҳандаҳо муаллиф як қатор мушаххасотро вобаста ба хизматрасониҳои муосири бонкӣ ва бартариву офзалиятҳои он ба исбот расонидааст.

**-** ***пешниҳод шудааст, ки*** барои рушди низоми инноватсионии хизматрасониҳои муосири бонкӣ дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон инфрасохтори зарурии пардохтӣ ва интернети баландсуръат, ки дар рушди амалиётҳои маҷозии электронӣ асосӣ мебошад, таъмин карда шавад

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ***назарияи*** илман асоснок дар асоси таҳқиқоти олимони соҳа, омӯзиши асарҳои илмӣ оид ба рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир, амалкардҳои институсионалӣ барои рушди хизматрасониҳои нав, хизматрасонии маҷозии электронӣ, ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди хизматрасониҳои ояндадор ***пешниҳод гардидааст***.

- ***равиши илман*** асоснокшудаи баланд бардоштани накши ниҳодҳои бонкию молиявӣ дар рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир таҳия ва чунин **пешниҳодҳо иҷроа шудаанд**: 1) Гузаштан

ба интернети баландсуръат; 2). Зиёд намудани сатҳи фарогирӣ, саводнокии молиявӣ ва маърифати молиявии аҳолӣ; 3). Электронӣ намудани тамоми амалиёту хизматрасониҳои анъанавии бонкӣ.

***- усулҳои*** таҳлили маҷмуӣ ва диалектикӣ, ки усулҳои иқтисодӣ-риёзӣ, таҳлили муқоисавӣ, усули баҳодиҳии экспертӣ, пешгӯйӣ, усулҳои индуксия ва дедуксия истифода шудаанд.

- **муайян карда шуд,** ки натиҷаҳои сифатӣ ва миқдории таҳқиқот тавассути манбаъҳои муътамади назариявӣ ва амалӣ таъйид гардида, истинод ба адабиёти иқтибосгардида бо риояи муқаррароти мавҷуда сурат гирифтааст. Диссертатсия ва автореферат аз санҷиши асолати илмӣ гузашта, маълумотнома аз барномаи “Антиплагиат” сароҳатан сатҳи онро 91,64% ва 81% нишон додааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот:** 1) муаллиф дар тавсеаи мукаммалгардонии ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир саҳми муайян гузоштааст; 2) дар асоси омӯзиши муқаррароти назариявӣ, муаммоҳои ташкилӣ-иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ муайян карда шудааст; 3) иштироки бевоситаи муаллиф дар иҷрои нақшаи корҳои илмӣ дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати таҳия ва нашри мақолаҳо, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва нақши амалиётҳои рақамии бонкӣ дар рушди устувори иқтисодӣ муайян карда шудааст; 4) дар омода намудани 15 мақола, аз он ҷумла 6-адад мақолаи илмӣ дар нашрияҳои Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаи омӯхташуда иборат аст.

Шурои диссертатсионӣ ба хулоса омад, ки таҳқиқоти диссертатсионии Аъзамова Тахмина Туйчиевна дар мавзуи “Рушди инноватсионии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Тоҷикистони муосир” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, кори мустақилона анҷомшудаи илмӣ ва тахассусӣ маҳсуб ёфта, дорои мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад ва дар таҳкими асосҳои назариявию методии такмили амалиётҳои рақамии бонкӣ саҳм гузошта, имкон медиҳад, ки масоили ҳалталаби соҳа ҳаллу фасл гарданд. Диссертатсия ба бандҳои 10.1, 10.10, 10.15, 10.19 ва 10.22-и Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мувофиқат мекунад.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 аз санаи 21.11.2025 қарори сазовор донистани Аъзамова Тахмина Туйчиевна бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла мутахассисон 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ: «Тарафдор» – 14 нафар, «Муқобил» – нест, «Бетараф» – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Убайдуллоев Ф.К.**

**21 ноябри соли 2025.**